# ТАҚРИЗ

ба рисолаи номзадии Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамкулович дар мавзуи "Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Истилоҳ ва истилоҳшиносӣ ҳамчун илм ба монанди шохаҳои дигари илми забоншиносӣ таърихи тулонӣ дошта, аз давраҳои аввали пайдоиши забон сарчашма мегирад. Дар забоншиносии тоҷик таҳлилу баррасии истилоҳот, ҷиҳатҳои назариявии он, таҳлили истилоҳоти соҳаҳои мухталиф дар заминаи осору гузаштагону имрӯза мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифтааст.

Таъкид намудан лозим аст, ки дар давраи муосири рушду инкишофи забон масоили мухталифи истилоҳшиносии тоҷик аз ҷониби донишмандону олимон мавриди таҳқиқ қарор дода шуда бошад ҳам, вале таҳлили муқоисавии истилоҳоти баъзе аз соҳаҳо аз ҷумла истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ дар заминаи забонҳои гуногунсохтор ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии забоншиносии истилоҳоти соҳаи мазкур муҳим маҳсуб дониста шуда, омӯзиши "Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" айни муддао буда, бо таҳқиқи ин мавзуи муҳим қадамҳои нахустин дар пажуҳиши истилоҳоти соҳавӣ дар забонҳои муқоисашаванда гузошта мешавад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар асоси баъзе сарчашмаҳо вижагиҳои истилоҳоти кулолгарӣ, роҳу усулҳои истилоҳсозиву интихоби истилоҳ, мафҳумҳои меҳварии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, сарчашмаҳои ташаккули истилоҳот, таҳлили решашиносии бархе аз истилоҳоти кулолӣ дар забонҳои муқоисашаванда ва таснифоти мавзуии онҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро дар рисола масоили муҳимми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ аз нигоҳи назариявӣ ва ба таври дақиқу равшан мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтани онҳо ташкил медиҳад. Асосҳои назариявии истилоҳот дар забоншиносии муосир таҳлилу баррасӣ шуда бошанд ҳам, баъзе аз паҳлӯҳои печидаву норавшани он аз нигоҳи илми муосир дақиқу равшан нишон дода нашудаанд. Бинобар ин, қисми назариявии рисола метавонад ба муҳаққиқони соҳаи истилоҳшиносӣ ҷиҳати омӯзиш, ҷустуҷӯ ва таҳқиқи

масоили мухталифи истилоҳ, аз қабили ташаккул ва таҳаввули таърихи истилоҳшиносии тоҷик, роҳу воситаҳои истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ, инчунин давраҳои ташаккули истилоҳот аз замони классикӣ то ба имрӯз кумаки ҳаматарафа расонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои илмӣ ва маводи забони рисоларо метавон дар дарсҳои лексикиву амалӣ аз фанҳои таърихи забон, истилоҳ ва истилоҳшиносӣ, вожашиносӣ, курсу семинарҳои махсус, таҳияи китобҳои дарсӣ, барномаҳо ва дастуру васоити таълимӣ мавриди истифода қарор дод. Инчунин, маводи рисолаи мазкур дорои аҳаммияти хоси амалӣ буда дар таҳия ва омода намудани фарҳангномаҳои соҳавии мухталиф, таълифи корҳои илмӣ, аз қабили корҳои курсӣ, корҳои дипломӣ, рисолаҳои магистрӣ ва ғайра доир ба истилоҳ ва истилоҳшиносии тоҷик метавонад ҳамчун маводи илмӣ ҳам аз нигоҳи назаривӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ кумак расонад.

Таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама бар пояи асарҳову сарчашмаҳои илмӣ таълиф ёфта, масоили баррасишуда ва назарияҳои пешниҳодгардидаи он бо далелҳои муътамад дар доираи 173 адабиёти илмӣ бо забонҳои тоҷикиву хориҷӣ, 31 луғатҳои мухталиф, 6 адабиёти бадеӣ таҳлил шуда, дар таҳияи он истифода гардидаанд.

Муҳтавои асосии маводи рисола ва натиҷагирӣ аз онҳо дар 11 мақолаи илмӣ фароҳам оварда шудааст, ки аз ин миқдор 7 мақола дар нашрияҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Сохтори диссертатсияро номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба корбурди амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт фарогир буда, ҳаҷми онро 196 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи рисола доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати рисола ба шиномномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи рисола, сохтор ва ҳаҷми рисола маълумот дода шудааст.

Боби якуми рисола “Масъалаҳои назарии таҳқиқи истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” унвон дошта, масоили мухталифи шарҳу тавзеҳи истилоҳот дар забоншиносии муосир,

мафҳумҳои меҳварии истилоҳоти кулолгарӣ дар сарчашмаҳои илмиву таърихӣ, сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳлили решашиносии бархе аз истилоҳоти меҳварии соҳаи кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда, таснифи мавзуи истилоҳоти кулолгариро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Боби дуюми рисола “Вижагиҳои луғавӣ-маъноии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ном дошта, фарогири 4 фасл мебошад. Дар зерфаслҳо муаллифи рисола доир ба сермаъношавии истилоҳти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, муродифшавии истилоҳоти кулолгарӣ, ҳамгуншавии истилоҳоти кулолгарӣ, истилоҳоти иқтибосии кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда маълумоти зарурӣ додааст.

Боби сеюми рисола ба пажуҳиши “Таҳлили сохтории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” бахшида шуда, аз чор фасл иборат аст мебошад. Боби мазкур усулҳои асосии истилоҳнигории истилоҳоти кулолгарӣ, таҳлили сохтории истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ дар асоси усули сарфии истилоҳсозӣ, таҳлили сохтории истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ дар асоси усули наҳвию сарфӣ, инчунин таҳлили истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисиро дар асоси усули наҳвӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Хулосаҳо ва масоили марбути мавзуи таҳқиқ аз ҷониби диссертант дар конфренсияҳои сатҳи мухталиф мавриди баҳс қарор гирифтааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқ ҳосилшуда дар 21 банд ҷамъбаст шуда, дастовардҳо, арзиши таҳқиқ ва моҳияти мавзуи таҳқиқот зикр ёфта, рӯйхати адабиёт тибқи меъёрҳои мавҷуда мураттаб гардидааст.

Диссертатсияи илмии Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар асоси методҳои тасвирӣ, типологӣ-муқоисавӣ, таҳлили ҷузъҳо, таҳлили луғавию маъноӣ ва сохториву решашиносӣ таълиф гардидааст.

Дар баробари ҳамаи ин муваффақиятҳо дар рисола баъзе камбудию ғалатҳо ҷой доранд, ки чанде аз онҳоро ба хотири беҳбудии кор пешниҳод менамоем:

1. Муаллиф аз сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти кулолгарӣ дар мисоли “Тоҷикон”-и Б. Ғафуров ва китоби “Кулолгарӣ”-и А. Азизов мисолҳо оварда, онҳоро аз нигоҳи сохтор тасниф менамояд, ҳол он ки боби 3-юми рисола ба таҳлили сохтории истилоҳоти кулолгарӣ бахшида шудааст. Хуб мешуд агар муаллиф хусусиятҳои сохтории сарчашмаҳои зикршударо дар боби сеюми рисола мавриди таҳқиқ қарор медод.

2. Муодили тоҷикии баъзе аз истилоҳот дар рисола ҷой дода нашудааст, агар муаллиф онҳоро тарҷума мекард, арзиши илмии рисола боз баландтар мегардид.

3. Муаллиф дар раванди таҳқиқ баъзе аз калимаву таркибҳои мухталифро ҳамчун истилоҳ пешниҳод кардааст, вале онҳо истилоҳ нестанд.

4. Дар зербоби решашиносӣ мисолҳое оварда шудаанд, ки онҳо танҳо дар асоси “Фарҳанги Доро” таҳлилу баррасӣ шудаанд, аммо таҳлили решашиносии худи муаллифи рисола бевосита дида намешавад.

5. Дар овардани феҳристи адабиёт баъзе аз сарчашмаҳои асосии алоқаманд ба мавзуи рисола сарфи назар шудааст.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда ба моҳияти таҳқиқот таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Фишурдаи рисола бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи рисола оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқлович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқarrизи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ
ва усули таълими забону адабиёти
тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тураҳасанов Қодирқул Шодиқулович

**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
Тел: 221-62-25, 221-15-10
Моб: (+992) 918154310
E-mail: qodirqulshodiqulovich@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ, дотсент
Тураҳасанов Қодирқул Шодиқуловичро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

«15» майи соли 2023